# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-046 дар назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" оид ба кори диссертатсионии Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ)**

Мавзӯи интихобнамудаи Носирова М.Н. таҳти унвони "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" яке аз мавзӯъҳои актуалӣ ҳисобидан мумкин аст, зеро дар замони муосир равандҳои дигаргунсозӣ рӯз аз рӯз вусъат мeёбанд ва равандҳои мазкур соҳаи маорифро низ дарбар мегиранд, ки ҷузъи асосӣ ва пойгоҳии муассисаи таълимии миёнаи умумӣ ба шумор меравад. Аз рисола маълум мегардад, ки мақсади асосии корҳои касбинтихобкунӣ чӣ хеле, ки муаллиф зикр мекунад, ин ба вуҷуд овардани имкониятҳои воқеии истифодаи иқтидори тамоми аъзои ҷомеа бо назардошти қобилияту манфиатҳои ҳар як шахс ва талаботи давлат ба кадрҳои баландихтисос мебошад.

Дар рисола нуктаҳои зикргардида гувоҳи онанд, ки назари Ҳукумати Ҷумҳурӣ нисбат ба соҳаи маориф ва рушду нумӯи он дар мадди аввал қарор дошта, тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯ ба замони муосир яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи соҳаи маориф ба ҳисоб меравад.

Инчунин аз нуктаи назари муаллиф дар шароити ҳозираи ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ, дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ тахия ва амалисозии таҳсилот, ки ба тайёр кардани кормандони баландихтисоси дорои лаёқати сарфаҳмравӣ ба вазъият ва ба шароитҳои нави меҳнат зуд мутобиқшаванда ва дорои сифатҳои баланди кордонӣ, ба рақобат тобовар - муҳимтарин вазифаи соҳаи маориф ҳисобида мешавад.

Носирова М.Н. баён мекунад, ки ҳадафи асосиро аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба роҳ мондан лозим, зеро ин ҳолат дар байни хонандагон имкон медиҳад, то хароҷоти омодасозии коргарони баландихтисос кам карда шавад, ҳамчунин он ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат, коҳиши ҷойивазкунии кадрҳо, баланд бардоштани қаноатмандии кормандон аз меҳнат, нигоҳ доштани саломатии меҳнаткашон, истифодаи нисбатан

оқилонаи имкониятҳои шахсият, таъмини мураттабу муназзами истеҳсолоти гуногуни мамлакат бо захираҳои меҳнатӣ мусоидат намояд.

Диссертатсияи мазкур аз ду боб, шаш зербоб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат буда, дар боби якум муаллиф кушиш ба харҷ дод, ки оиди “Пайдоиш ва рушди касб аз давраи атиқа то замони муосир” то ҳадди ақал маълумоти мукаммал дода бошад. Дар ин фасл бобати таърихи пайдоиши касбҳо, тарбияи меҳнатӣ ва таърифи ҳама намуди касбу ҳунар иттилоъ оварда шудааст, то ҳар шаҳрванд бо навъҳои гуногуни фаъолияти инсонӣ шинос шуда, онҳоро мушоҳида намояд ва барои худ касби беҳтаринро интихоб кунад.

Дар боби дуюм, дуруст ва устувор ба роҳ мондани худи корҳои касбинтихобкунӣ, тайёр кардани омӯзгорони ояндаи босалоҳият, имконияти иштироки фаъолонаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва омӯзгорони фаннӣ дар корҳои касбинтихобкунӣ, босуръат тағйир ёфтани мундариҷа, сохтор ва хусусияти амалиёти кормандони касбҳои алоҳида қайд мегардад, ки сатҳи талаботро ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар бобати мусаллаҳ кардани омӯзгорони оянда бо дониши нав, маҳорату малакаҳо оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунии хонандагон баландтар бардоранд.

Боиси зикр аст, ки диссертант Носирова М.Н. бобҳоро дар алоҳидагӣ, бо маълумотҳои мухтасар, дар охир бо овардани нуқтаи назари худ он бобҳоро ҷамъбаст намудааст. Ногуфта намонад, ки таҳқиқоте, ки диссертант гузаронд, аз якчанд марҳила иборат буда, дар он донишҷӯён, яъне омӯзгорони ояндаи ҳам шӯъбаи рӯзона ва ғоибона ширкат варзиданд. Хулосаи таҳқиқоти гузаронидашуда дар 14 нишондоди графикӣ ва диаграммаҳо бо холҳои ҷамбастӣ саҳеҳ ва равшан оварда шудааст. Қобили мушоҳида буд, ки дар рафти натиҷабардорӣ ҷавобҳои омӯзгорони оянда пеш аз озмоиш холҳо паст буда, баъд аз озмоиш, яъне пас аз гузаронидани курси “Касбинтихобкунӣ” куллан таъғир ёфт, яъне афзудаанд.

Гуфтан ҷоист, ки дар асоси стандартҳо ва талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертатсияи мазкур таълиф шуда, таҳқиқоте, ки аз тарафи диссертант рӯи кор омадааст, аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ зарурӣ арзёбӣ гардида, баҳри рушд ва нумӯи илми педагогикаи муосир саҳми босазое хоҳад гузошт.

Аз тарафи диссертант вобаста ба мавзӯи диссертатсия китоби дарсӣ тахти унвони "Касбинтихобкунӣ" тахия ва коркард карда шудааст, ки аз рӯйи он курси озмоишӣ гузаронида шудааст. Инчунин диссертант муаммоҳои таҳқиқшударо дар мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои конфронсҳо (ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ) ва мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои дигар инъикос гардидааст,

Рисолаи Носирова М.Н. тахти унвони "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳқиқоти ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯ ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

Умуман мавзӯъ аз тарафи муаллифи рисола хеле муфассал маврили озмоиш қарор дода шуда, дар қатори муваффақиятҳо якчанд камбудиҳои на чандон гарон ҳам ба назар расиданд:

1. Дар боби дувум ғалатҳои грамматикӣ ва услубӣ низ бисёртар дида шуд;
2. Таҳлили сарчашмаҳои илмии олимони тоҷик аз рӯи муаммоҳои таҳқиқшаванда дар ҳаҷми маҳдуд оварда шудаанд;
3. Муаллиф ҳангоми таҳияи феҳристи адабиёт ба хатогиҳои техникӣ роҳ додааст.

Бояд гуфт, ки он камбудиҳои дар болозикршуда шакли тавсиявӣ дошта, барои манфияти кор равона карда шудааст. Хулосаи комиссияи ташхисро ба инобат гирифта, чунин

## ҚАРОР ҚАБУЛ ШУД:

1. Диссертатсияи Носирова Машхура Негматовна дар мавзӯи "Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таълими касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ) барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муассисаи пешбар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

3. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Ба ҳайси муқарризони расмӣ аз рӯи диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия карда мешаванд:

а) д.и.п., профессор Шаропов Шавкат Аҳмадович

б) н. и. п., дотсент Сангов Нуриддин Набиевич

Раиси комиссияи ташхис д.и.п., профессор Хоҷаева М.Ҷ.

Аъзоёни комиссияи ташхис д.и.п., дотсент Файзиев И.Д.

д.и.п., дотсент Олов С.

“Имзоҳои раиси комиссияи ташхис
ва аъзоёни онро тасдиқ мекунам”
Сардори РК ва КМ-и МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”: Наврӯзов Э. М.